ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ
Директори Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А.Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, д.и.ф., дотсент
_________Назар М.А.
«06» _апреля_ с. 2023

**Хулосаи**

Шурои олимони (семинари) Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Мирзозода Мавлудахон Зайни дар мавзӯи «Заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ислоҳоти суди-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ, бо ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

Рисолаи диссертатсионии Мирзозода М.З. дар мавзӯи «Заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ислоҳоти суди-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар шуъбаи Таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расида, дар асоси суратҷаласаи № аз марти соли 2022 ба ҳимоя тавсия шудааст.

Бино бар ин, мавзӯи пешниҳодшудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи амалигардонии нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Нақши ниҳодҳои ҳуқуқӣ ва давлатдории шуравӣ дар ташаккул ва рушди Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон (солҳои 2018-2022)» таҳия ва иҷро шудааст.

Мирзозода Мавлудахон Зайни соли 2001 Донишгоҳи Давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро бо ихтисоси Ҳуқуқшинос хатм намудааст. Дар давраи таҳияи рисола (2018-2023) Мирзозода Мавлудахон Зайни ба сифати унвонҷӯи шуъбаи Таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол фаъолият намуда истодааст.

**Роҳбари илмӣ** – Зоир Ҷурахон Маҷидзода, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти

фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Сохтори судӣ масъалаи дорои аҳамияти бузурги ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, он ҳамеша муҳим арзёбӣ мегардад. Воқеан ҳам имрӯз ва ҳам чандин ҳазорсолаҳо пеш башарият ба саволҳои гуногуни ҳаётӣ, аз ҷумла ба чунин саволҳои ҷиддӣ, масалан, барои бунёди суди одилона ва саривақтӣ, чӣ гуна мустақилияти воқеӣ ва дахлнопазирии ҳокимияти судиро метавон таъмин намуд, посух меҷӯяд. Дар ҳар давраи таърихӣ ин масъалаҳо бо роҳҳои гуногун ҳал мешуданд. Аммо тадбирҳои пешниҳодшуда танҳо дар як муддати муайян самарабахш буда, бо тағйир ёфтани шароити ҷамъият дар ҳалли ин масъала роҳҳои навро ҷустуҷӯ кардан лозим меомад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон як нуктаи муҳимро қайд карда буданд, ки «ба фарҳанги гузаштагон рӯй овардан набояд ба инкор кардани арзишҳои умумибашарӣ, ғурури ноҷо, кундфаҳмӣ, муқобилгузории фарҳангҳо, анъанаҳои дигар миллату қавмҳо, аз ҷумла муқобилгузории фарҳанги то исломӣ бо фарҳанги исломии халқи мо боис гардад».

Дар ҳамин раванд, дар замони муосир – дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, тарғибот ва ташвиқоти ғояҳои қувваҳои гуногун, таъмини сулҳу субот ва ҳимояи судии ҳуқуку озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ҳифзи дастовардҳои Истиқлолият аҳамияти хоса пайдо кардааст.

Нақши судро дар ҳаёти ҷамъиятӣ нодида гирифтан ғайриимкон аст. Фаъолияти ӯ ба тамоми ҷабҳаҳо ва соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дахл дорад. Таълимоти муосири давлатӣ-ҳуқуқии судро яке аз дастовардҳои муҳимтарини тамаддун мешуморад, ки он ба ҳаёти халқҳо устуворона ворид шудааст. Ҳадафҳои асосии он ҳифзи ҳуқуку озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмини сатҳи лозимии тартиботи ҳуқуқӣ мебошад. Адолати судӣ зернизоми сиёсии воқеан зарурӣ буда, ҳамчун кафили устувории адолати иҷтимоӣ баромад мекунад. Нақши суд дар давлати демократию ҳуқуқбунёд, ки таҷзияи ҳокимиятро роҳандозӣ намудааст, бо тасдиқи принсипи мустақилияти ҳокимияти судӣ боз ҳам меафзояд. Барҳам хӯрдани ИҶШС, ба давлати мустақил табдил ёфтани Тоҷикистон масъалаи ислоҳоти судиро ба миён гузошт.

Ислоҳоти судӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилотҳо, қонунияту адолат, назорати иҷрои саривақтии санадҳои судӣ, баланд бардоштани сифат ва самаранокии фаъолияти судҳо, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, инчунин такмили қонунгузорӣ дар ин самт нигаронида шудааст. Ин рисолати наҷибро танҳо дар шароити таъсиси низоми судии демократӣ бо назардошти таҷрибаи таърихии тоҷикон метавон иҷро намуд.

Ислоҳоти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 оғоз шуда буд ва аллакай корҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, дар он ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлат муайян шуд, ки дар таъмини адолати иҷтимоӣ, таҳкими қонуният ва рушди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд нақши муҳим гузошт.

Дар даврони соҳибистиқлололии кишвар дар самти ташкилу таҳкими ҳокимияти судӣ, таъмини қонуният ва адолати судӣ корҳои зиёде ба сомон расонида шуданд. Аз ҷумла, барои рушду таҳкими мақомоти судӣ чор барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ (барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021) қабул карда шуданд, ки онҳо барои пешрафти соҳа, баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, таъмини шароити зарурӣ барои баррасӣ ва ҳалли одилонаи парвандаҳои судӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо ва умуман, ҷиҳати ба амал баровардани адолати судӣ нақши муҳим доранд. Дар баробари корҳои анҷомдодашуда, дар фаъолияти мақомоти судӣ камбудиҳо низ ҷой доранд. Вобаста ба ин, ислоҳоти судӣ ҳанӯз ба итмом нарасидааст. Тезонидани ислоҳоти судӣ ба яке аз масоили муҳимтарини сохтмони давлатӣ табдил ёфтааст.

Тавре дар Паёми имсола Пешвои миллат барҳақ таъкид намуданд: «Бо дарназардошти рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими кафолатҳои судии субъектҳои ин муносибатҳо зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ пайваста таҳкиму такмил дода шавад. Бинобар ин, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро зарур аст, ки оид ба бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии судяҳо тадбирҳои муассир андешанд».

Ислоҳоти судиро илмҳои гуногун омӯхта метавонанд, аз ҷумла аз нигоҳи назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат онро метавон таҳқиқ намуд.

Мақомоти судӣ бо чунин масоили умуминазариявӣ, ба мисли тақзияи хокимият, низоми боздошт ва мувозина, ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, такмили дастгоҳи давлатӣ, иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлат, инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, шаклу усулҳои фаъолияти давлатҳо ва ғайра алоқаманд аст.

Ҷиҳати хубтар дарк намудани мазмуну моҳияти ислоҳоти судӣ дар соҳаи ҳокимияти судӣ ҳолати онро дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ дарк кардан лозим аст. Барои иҷрои ин вазифа сайри муфассали таърихӣ лозим аст, ки ба мо имкон медиҳад, принсипҳои ислоҳоти судиро аз тариқи мурури вақт дида бароем, зеро аксари онҳо дар аҳди бостон ташаккул ёфтаанд. Масалан, принсипҳои беғаразӣ ва интихобӣ будани суд, ба таври дастаҷамъӣ дида баромадани парванда, иштироки аҳолӣ дар ба амал баровардани адолати судӣ, ошкорбаёнии суд ва ғайра таърихи қадим доранд.

Дар ин замина, омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти судӣ дар партави ислоҳотҳои судии гузаронидашуда муҳим ба назар мерасад. Сарфи назар аз натиҷаҳои муайяни мусбати ислоҳотҳои судӣ, баҳсу мунозираҳо дар атрофи масоили ислоҳоти низоми судӣ кам нестанд ва баъзе аз муҳимтарин ғояҳои ҳуқуқӣ то ҳанӯз аз ҷиҳати назариявӣ дуруст таҳия нашуда, дар амал татбиқ нагардидаанд. Аз ин рӯ, таҳлили муфассали назариявӣ ва таърихию ҳуқуқии натиҷаҳо ва самтҳои нави ислоҳоти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим ва саривақтӣ ба назар мерасад.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки эътироф гаштан, кафолати таъмини риоя, воқеан дар амал иҷро ва таҳти ҳимоя қарор дода шудани ҳуқуқҳои инсон – ҳадафҳое мебошанд, ки минбаъд ҳуқуқ мувофиқи таъинот ва табиати аслии худ на танҳо дар доираи меъёри ҳуқуқии расмӣ, инчунин дар амал баҳри таъмини адолати иҷтимоӣ татбиқ гардад. Дар айни замон, ҳадафи моро дар рисола таҳқиқи унсурҳои сохтори дохилии асосҳои таъмини адолати судӣ, аз ҷумла принсипҳои адолати судӣ ташкил дода, таҳқиқи ҳуқуқии паҳлуҳои ҷудогонаи он ***вазифаҳои тадқиқотро*** муайян кардааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ дар назди муаллиф ҳалли вазифаҳои зеринро тақозо менамоянд:

– таҳқиқ ва муайян намудани ташаккули ғояҳои пешбарандаи адолати судӣ тибқи афкору ақидаҳои таълимоти ҳуқуқӣ;

– муайян кардани заминаҳои иҷтимоӣ ҳуқуқии ташаккули асосҳои адолати судӣ дар Тоҷикистон;

– ҷустуҷӯ ва муайян кардани асосҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии адолати судӣ дар таърихи ташаккули ҷомеа, имконияти эҳёи фарҳанги ғании миллӣ ва истифодаи онҳо дар ҳалли низоъ ва баҳсҳои ҳуқуқӣ;

– таҳқиқ ва муайян намудани унсурҳои пешқадами иҷтимоӣ дар ташаккули асосҳои адолати судӣ дар замони муосир ва омӯзиши имконияти истифода бурдани онҳо дар пешбурди судӣ;

– таҳлили назариявӣ-илмии асосҳои конститутсионии баамалбарории адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои татбиқи барномаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ;

– ҷустуҷӯи самтҳои пурсамар ва шаклҳои самараноки баррасии одилонаи парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, оилавӣ ва маъмурӣ баҳри таъмини адолати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян кардани муаммоҳои мавҷуда дар амалӣ шудани барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, татбиқи дуруст ва одилонаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли муаммо дар фаъолияти мақомоти судӣ;

– таҳлил ва омӯзиши унсурҳое, ки ба амалӣ шудани адолати судӣ ва барномаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ монеъ мешаванд ё мусоидат мекунанд;

– таҳлили донишҳои назариявӣ оид ба адолати судӣ, ҷустуҷӯи самт ва ҳадди истифодаи онҳо, бо назардошти мавқеи Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди давлатҳои мустаққил ва ҷомеаи ҷаҳонӣ;

– асоснок кардани пешниҳод, хулоса, таклифҳо доир ба роҳҳои такмил додани асосҳои ба амалбарории адолати судӣ, бартараф намудани монеаҳо дар самти дастрасии адолати судӣ ба шаҳрвандон;

– таҳлили амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар партави ташаккули принсипҳои адолати судӣ дар Тоҷикистон.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки пеш аз ҳама, аз он иборат мебошанд, ки дар Тоҷикистон кори илмии мазкур аввалин кори характери монографидошта доир ба масъалаи зикргардида мебошад, ки дар доираи он муаллиф яке аз аввалинҳо шуда, навгонии илмии корро бо таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар партави ислоҳотҳо ва дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти иқтисодии ҶТ ва кишварҳои ИДМ ба амал омадаанд, дар бар мегирад. Дар муносибат бо илми ҳуқуқи Тоҷикистон бошад, тадқиқоти мазкур аввалин рисола дар ҶТ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар натиҷаҳои пешниҳодот ва тавсияҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, зоҳир мегардад. Бинобар ин, бо

назардошти пешрафти ҷомеа ва ба миён омадани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, таъмини адолати судӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии миллӣ, таҳкими кафолати ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар навгониҳои илмӣ идома дода шуданд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқотро** корҳои илмӣ назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла олимони рус ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои ҳуқуқии адолати судӣ ташкил медиҳад. Дар таҳияи рисола Мирзозода М.З. ба асарҳои олимони шинохтаи ватанӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, доир ба масъалаҳои ҳуқуқии таъмини адолати иҷтимоӣ ҳамчун ҳадафи асосии адолати судӣ дар замони муосир тадқиқотҳои илмии назаррасро анҷом додаанд, ки ба эҳёи афкори пешқадами иҷтимоӣ-ҳуқуқии миллӣ, ба такмил дода шудани асосҳои қонунгузории мурофиавии судӣ, ба амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин ба тадқиқотҳои нави илмӣ дар ҳамин самт хеле мусоидат кардааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, то ба имрӯз аз тарафи муҳаққиқон дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои баҳсталаб оид ба масъалаҳои ҳуқуқии таъмини адолати судӣ ва даврабандии ислоҳоти судӣ дар даврони истиқлолият мавриди омӯзиши комплексӣ қарор дода нашудаанд, ки ҳамаи ин ҳолатҳо, дар маҷмӯъ, аз аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзӯи таҳқиқот дарак медиҳанд.

Асосҳои методологии рисоларо ин таҳқиқи маҷмӯи усулҳои илмӣ, ки мавқеи марказиро дар байни онҳо усули диалектикии маърифати илмӣ ишғол мекунад, ташкил намудаанд. Махсусан усули таърихӣ, мантиқӣ, системавӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавии ҳуқуқӣ барои ҳалли вазифаҳо ва ноил гардидан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври васеъ истифода шудаанд.

Инчунин, дар рафти таҳқиқот аз маҷмӯи усулҳои хосси илмӣ, ба мисли ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, пурсиши сотсиологӣ, мусоҳиба, гирифтан ва коркарди маълумоти таҷрибавӣ барои муайян намудани проблемаҳои ислоҳоти судӣ дар қонунгузорӣ ва роҳҳои мукаммалсозии он мусоидат намудаанд.

Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии диссертатсия дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи таълимоти назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат, инчунин ҳангоми ҷараёни тадриси фанни назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи конститутсионӣ истифода бурдан мумкин аст.Инчунин арзиши илмии дисертатсияро маводу далелҳо, хулоса ва пешниҳодҳои дар он инъикосшуда муайян мекунанд, ки метавонанд дар раванди таҳсилу таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, дар раванди такмили қонунгузорӣ, рушди меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда ва ҷараёни ҳуқуқтатбиқкунӣ, риояи меъёрҳои адолати суди ва тарғибу ташвиқи худшиносии миллӣ, ифтихороти миллӣ, ватанпарастӣ истифода бурда шаванд.

**Интишори натиҷаҳои тадқиқот.** Вобаста ба мавзуи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаи тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақола дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:

**[1–М].** Мирзозода, М.З. Масъалаҳои амалишавии ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони муосир [Матн]Маҷаллаи Академии ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ № 3(39)/ - Душанбе, 2021. С. 87-94

**[2–М].** Мирзозода, М.З. Заминаҳои ҳуқуқии моҳияти адолат ҳамчун омили таъминкунандаи ҳаёти осоиштаи ҷомеа [Матн]Маҷаллаи Академии ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ № 4(40)/ - Душанбе, 2021. С.65-69

**[3–М].** Мирзозода, М.З. Амалишавии принсипи мубоҳиса дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ[Матн]Маҷаллаи Академии ҳуқуқ, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ № 4(40)/ - Душанбе, 2021. С.153-160.

**[4–М].** Зоир Ҷ.М., Мирзозода, М.З. Конституционализм и парламентаризм: Основные механизми обеспечения национальной государственности[Матн]Паёми Донишгоҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон-2022 №1 (1) Душанбе, ТНУ-2022С.143-152.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза дар конференсияҳои зерин пешниҳод шудаанд: - дар конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» поягузори давлати ҳуқуқбунёд» бахшида ба 23-юмин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 2-юми ноябри соли 2017); -дар конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши парламенти касбӣ дар рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 5-уми апрели соли 2018;-дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-юмин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами иқтисод ва ҳуқуқ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (ш. Душанбе, 29-юми майи соли 2021);-дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба Ваҳдати миллӣ дар

мавзӯи «Созишномаи истиқлоли сулҳ ва ризоияти миллӣ заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 18-уми июни соли 2021); - дар вохурӣ бо Раиси Маҷлиси Бузурги Миллии Туркия Мустафо Шентоп (сафари расмӣ), (ш. Анкара, 12-17 октябр, 2021;-дар ҷаласаи Кумитаи доимии Ассамблеяи Парлумонии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ оид ба мудофиа ва амният, (ш.Санкт-Петербург- 02 Март 2021,);- дар конференсияи минтақавии Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказӣ ва Дафтари минтақавии Барномаи Рушди СММ, (20-23 ноябри соли 2022, Истамбул); дар конференсияи муштараки Дафтари минтақавии Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказӣ ва Дафтари минтақавии Барномаи рушди СММ. (ш.Истанбул *21-22* ноябр соли 2022);

Ҳамчунин натиҷаҳои диссертатсия барои таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи адабиёти таълимӣ-методӣ доир ба таърихи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, таърихи афкори сиёсӣ-ҳуқуқӣ, инчунин баррасии паҳлуҳои алоҳидаи онҳо дар курсҳои махсус, мавзӯҳои нав барои рисолаҳои хатм ва ғ. истифода карда мешавад.

**Саҳми шахсии муаллифи** диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар муҳокима иштирок карданд:Узви вобастаи АМИТ Раҳимзода М.З., Узви вобастаи АМИТ Муҳаммад А.Н., д.и.ф., профессор Сайфуллаев Н.М., д.и. сотс. Шоисматуллоев Ш., д.и.ф. Мирзоев Ғ.Ҷ., д.и.ф. Маҳмадҷонова М.Т., д.и.ҳ., профессор Буризода Э.Б., н.и.ҳ., Абдуҷалилов., д.и.ҳ., профессор Ғаюров Ш., д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И., д.и.ҳ., профессор Раҷабов С., д.и.ҳ., профессор Иброҳимов С., н.и.ф. М.С. Шамсов ва дигарон.

Аз 33 аъзои Шӯрои олимон дар Маҷлиси Шурои олимон 31 нафар иштирок дошт. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор -“31” нафар, “зид”- нест, “бетараф”- нест. Суратҷаласа аз “31”- марти соли 2023, №3.

Дар заминаи гуфтаҳои болозикр, Шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **қарор кард:**

2.Диссертатсияи номзадии Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ, дар мавзӯи «Заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ислоҳоти суди-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ, бо ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, бо назардошти пешниҳоду тавсияҳои муқарризон барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА. – 018 пешниҳод карда мешавад.

Раиси Ҷаласа:
Раиси Шурои олимон,
директори Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон,
д.и.ф., дотсент **Назар М.А.**

Котиби ҷаласа:
Котиби илмии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, н.и.ф. **Саидҷафарова П.Ш.**

Муқаррizи №1:
Мудири Шуъбаи масоили назариявии давлат
ва ҳуқуқи муосири
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
д.и.ҳ., проф. **Бобоҷонзода И.Ҳ.**

**Муқарризи №2:**
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ
ва назорати прокурории
факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ. **Ҷалолов Х.Ғ.**

Имзои Назар М.А., Саидҷафарова П.Ш., И.Ҳ.Бобоҷонзода ва Х.Ғ.Ҷалоловро тасдиқ менамоям.
Нозири калони Шӯъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ **Шозедов Х. Н.**